# Мактуби иттилоотӣ

Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Шуморо барои ширкат дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ ба муносибати 700-умин солгарди зодрӯзи Ҳофизи Шерозӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Ҳофиз дар адабиёти ҷаҳонӣ», ки дар санаи 14-15-уми октябри соли 2024 баргузор мегардад, даъват менамояд.

## МАВЗУЪҲОИ МЕҲВАРИИ КОНФЕРЕНСИЯ:

1. Ҳофиз: зиндагинома, осор ва афкор:
   - Ҳофиз ва мактаби риндӣ;
   - Ҳофиз ва ирфон;
   - ишқи Ҳофиз;
   - хамриёти Ҳофиз;
   - ҳунари шоирии Ҳофиз.
2. Нусхашиносӣ ва матншиносии осори Ҳофиз.
3. Ҳофизшиносӣ дар Шарқ.
4. Ҳофизшиносӣ дар Ғарб.
5. Ҳофиз ва Иоҳанн Волфанг Гӯте.
   - «Девони шарқиву ғарбӣ»-и Гӯте ва шеъри форсии тоҷикӣ.
6. Шарҳҳои девони Ҳофиз.
7. Ҳофиз ва суннати ғазалсароӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ.
8. Ҳофиз ва ғазали муосири форсии тоҷикӣ.
9. Забон, тарзи баён ва сабки Ҳофиз.
10. Тарҷумаи шеъри Ҳофиз ба забонҳои дунё.
11. Ҳофиз ва мусиқӣ.
12. Ҳофиз ва фарҳанги мардумӣ.

**ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАЪРУЗАҲОИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА:**

- Забони кори конференсия: тоҷикӣ, англисӣ;
- Риояи меъёрҳои нигориши мақолоти илмӣ, аз ҷумла аннотатсия, калидвожаҳо ва маълумот дар бораи муаллиф (ба ду забон: тоҷикӣ, англисӣ, ) ҳатмист;
- Мақола бояд ҷое нашр ва ироа нашуда бошад;
- Ҳаҷми мақола набояд аз 10 сафҳа (формати А-4) зиёд бошад;
- Мақола бо ҳуруфи Timmes New Roman Tj , андозаи ҳарф -14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,5 ҳуруфчинӣ гардад;
- Истинод ба адабиёт дар матн ҳатмӣ буда, ба таври зайл тартиб дода мешавад: [3, с. 25; 5, саҳ. 33-36], ки рақами якум рақами манбаъ дар рӯйхати истинодҳо, дуюм саҳифа мебошад;
- Рӯйхати адабиёт дар охири маъруза пас аз калимаи «Китобнома» бо тартиби алифбо ҷойгир карда мешавад;
- Дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф - насаб, ном, номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ, вазифа, ҷойи кор ва рақами телефони муаллиф оварда мешавад;
- Интихоби мақолаҳо бар уҳдаи масъулони илмии чопи маводи конференсия аст;
- Нишонӣ барои ирсоли мақолаҳо: safinaabodulloeva77@bk.ru
- Охирин муҳлати қабули мавод 1-уми августи соли 2024;
- Маводи конференсия ба табъ мерасад;
- Таҳия ва нашри маводи конференсия низ дар назар аст.
- Ҳазинаи ширкат дар ҳамоиш бар уҳдаи ширкаткунандагон аст.
- **Нишонии мо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, Рӯдакӣ, 21.

**Рақами телефонҳо барои тамос:** +992 37 227-29-07; +992 93 534 26 21

## Сомонаҳои муассисаҳои марбут ба конфронс

https://anrt.tj/; https://izar.tj; merosikhatti.tj;

Даричаи сабти номи ширкаткунандагони конфронс